*УДК 332.1:338.2*

**РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ЗЕРНИЗОМИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚА: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ**

**Дадоҷонова Зебоҷон Илҳомҷоновна**, ассистенти кафедраи иқтисодиёти муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад.М.С. Осимӣ (Тоҷикистон, Хуҷанд)

**ПРОЦЕСС ФОРМИРОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ПОДСИСТЕМЫ РЕГИОНА: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ**

**Дадоджонова Зебоджон Илхомджоновна**, ассистент кафедры инженерной экономики и менеджмента Политехнического института Таджикского технического университета им. акад. М. Осими (Таджикистан, Худжанд)

**THE PROCESS OF FORMATION OF REGIONAL INNOVATION SUBSYSTEM: THEORETICAL ASPECTS**

**Dadojonova Zebojon Ilhomjonovna**, assistant of the Department of engineering economics and management, Polytechnic Institute of Tajik Technical University by name acad. M.S. Osimi (Tajikistan, Khujand),
**E-mail**: zebokhon98@list.ru.st. Lenina 226

***Вожаҳои калидӣ**: унсурҳо, низом, зернизом, минтақа, инноватсия, равандҳо, модел, мураккабӣ, рушди инноватсионии минтақа, корхонаҳо, иқтисодиёт, иқтидор, субъектҳо*

*Мақола ба баррасии рушди сохторҳои инноватсионии минтақавӣ бахшида шудааст, ки яке аз вазифаҳои асосии минтақаи муосир мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти доимӣ дар иқтисодиёт таъсиси сохторҳои инноватсионии устувор ва рақобатпазир зарур аст. Дар мақола моҳият ва мундариҷаи ташаккули зернизоми инноватсионии минтақавӣ, инчунин марҳилаҳо ва унсурҳои асосии ин раванд оварда шудааст. Муаллиф ҷанбаҳои асосии ташаккул ва рушди зернизоми инноватсиониро дар сатҳи минтақавӣ таҳлил кардааст. Дар мақола шарҳи равишҳои назариявии муосир барои муайян кардани мафҳуми «зернизоми инноватсионии минтақавӣ» зикр гардида, унсурҳои асосие, ки ба ташаккули он таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд. Нақши идоракунии давлатӣ ва механизмҳои танзим дар раванди ташаккули зернизоми инноватсионӣ низ баррасӣ шудааст. Таҷрибаи минтақаҳои гуногуни хориҷӣ таҳлил ва барои таҳияи стратегияҳои муассири ташаккул ва рушди зернизоми инноватсионӣ дар сатҳи минтақавӣ тавсия ва пешниҳод карда шудааст. Яке аз самтҳои рушди иқтисодиёт дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ бо ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам баррасӣ шудааст. Барои муайян кардани мундариҷаи зернизоми инноватсионии минтақавӣ, баррасии васеи адабиёт гузаронида шуд, ки дар он кӯшиши мушаххас кардани истилоҳ сурат гирифта аст. Мафҳуми зернизоми инноватсионии минтақавӣ таҳия ва мазмуни унсурҳои он ошкор карда шудааст. Дар мақола аҳаммияти ташаккули зернизоми инноватсионии минтақавӣ барои рушди устувори таъкид шудааст. Муайян карда шуд, ки ташаккули бомуваффақияти зернизоми инноватсионӣ ҳамкории сохторҳои давлатӣ, бахши соҳибкорӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ, инчунин дастгирии инноватсионӣ ва соҳибкориро дар минтақа тақозо мекунад.*

***Ключевые слова:** элементы, система, подсистема, регион, инновация, процессы, модель, сложность, инновационное развитие региона, предприятия, экономика, мощность, субъект*

*Развитие региональных инновационных структур – одна из ключевых задач современного региона. В условиях глобализации экономики и постоянных изменений становится необходимым создание устойчивых и конкурентоспособных инновационных структур. Проведен анализ ключевых аспектов формирования и развития инновационных подсистем на региональном уровне. В статье рассматриваются новейшие теоретические подходы к определению понятия "региональные инновационные подсистемы" и выявляются основные элементы, влияющие на их формирование. Также рассматривается роль государственного управления и механизмов регулирования в процессе формирования инновационных подсистем. Приведены наблюдения за формированием отдельных инновационных подсистем на региональном уровне. Одним из направлений экономического развития в национальной стратегии развития Республики Таджикистан является реализация инвестиционных проектов с внедрением передовых технологий и повышением экспортного потенциала. Для определения содержания региональной инновационной подсистемы был проведен обширный обзор литературы, в котором была сделана попытка определить терминологию. Было дано определение региональной инновационной подсистемы и*

*выявлено содержание ее элементов. В работе подчеркивается важность формирования региональных инновационных подсистем для устойчивого развития региона. Определено, что для успешного формирования инновационных подсистем необходимо согласованное взаимодействие органов власти, бизнес-сектора, научных и образовательных учреждений, а также поддержка инновационной культуры и предпринимательства в регионе.*

***Key words:** elements, system, subsystem, region, innovation, processes, model, complexity, innovative development of the region, enterprises, economy, power, subject*

*The development of regional innovation structures is one of the key tasks of the modern region. In the context of globalization of the economy and constant changes, it becomes necessary to create sustainable and competitive innovative structures. The key aspects of the formation and development of innovative subsystems at the regional level are analyzed. The article examines the latest theoretical approaches to defining the concept of "regional innovation subsystems" and identifies the main elements that influence their formation. The role of public administration and regulatory mechanisms in the process of formation of innovative subsystems is also considered. Some experiences of various regions with innovative subsystems at the regional level are presented. One of the areas of economic development in the national development strategy of the Republic of Tajikistan is the implementation of investment projects with the introduction of advanced technologies and increasing export potential. To determine the content of the regional innovation subsystem, an extensive literature review was carried out, in which an attempt was made to define the terminology. A definition of the regional innovation subsystem was given and the content of its elements was revealed. The work emphasizes the importance of forming regional innovation subsystems for the sustainable development of the region. It has been determined that for the successful formation of innovative subsystems, coordinated interaction between government authorities, the business sector, scientific and educational institutions, as well as support for an innovative culture and entrepreneurship in the region is necessary.*

Дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ беш аз пеш маълум мегардад, ки рушди инноватсионӣ омили асосии муваффақият ва рақобатпазирии минтақаҳо мебошад. Зернизоми инноватсионӣ дар навбати худ дар фароҳам овардани шароити мусоид барои равандҳои инноватсионӣ ва ташаккули муҳити инноватсионӣ нақши муҳим мебозад. Низоми инноватсионӣ маҷмӯи омилҳо, равандҳо ва ниҳодҳои мутақобила мебошад, ки ба ҳавасмандгардонӣ, инкишоф ва татбиқи инноватсия равона шудаанд. Он сатҳҳои гуногунро фаро мегирад ба мисоли аз байналмилалӣ то минтақавӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва рақобатпазирӣ нақши муҳим мебозад.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМР-2030) дар се марҳилаи миёнамӯҳлат амалӣ карда мешавад, ки ҳар яки онҳо самтҳои афзалиятнокро дар бар мегиранд. Яке аз ин самтҳо татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар мебошад, ки бо дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ, бо навовариҳои истеҳсолӣ, технологӣ, ташкилӣ, маркетингӣ ва ғайра таъмин карда мешавад. Барои таваҷҷӯҳи ҳамаи ин ҷузъҳо зернизомҳои мушаххаси инноватсионии минтақавӣ (ЗИМ) ташкил кардан лозим аст.

Ташаккули зернизоми инноватсионии минтақавӣ якчанд ҷанбаи асосиро дар бар мегирад. Нахуст, инфрасохтори мусоиди инноватсиониро ба вуҷуд овардан лозим аст, ки марказҳои илмию технологӣ, донишгоҳҳо ва лабораторияҳоро дар бар мегирад. Чунин муассисаҳо ҳамчун манбаи асосии дониш ва технологияи нав баромад мекунанд.

Дувум, зернизоми инноватсионии минтақавӣ бояд навоварӣ дошта бошад, ки на танҳо аз давлат, балки аз соҳибкорӣ ва тамоми ҷомеа дарк намуда, дастгирӣ намоянд. Корхонаҳои вилоят бояд аз беҳтариҳои инкишофи инноватсионӣ бохабар бошанд ва барои ҷорӣ намудани технология ва усулҳои нави кор омода бошанд.

Ҷанбаи сеюм мавҷудияти механизмҳои муассири тиҷоратикунонии инноватсияҳо мебошад. Зернизоми инноватсионии минтақавӣ бояд таъсиси стартапҳо, инкубаторҳо ва бизнесро дастгирӣ кунад, ки ба интиқоли натиҷаҳои тадқиқот ва коркардҳои илмӣ дар амалия ва татбиқи онҳо дар бозор мусоидат карда шавад.

Ташаккули зернизоми инноватсионии минтақавӣ ин доштани манфиат ва қобилият барои беҳтаргардонии рушди иқтисодӣ ва устувории минтақа мебошад. Зернизоми инноватсионӣ ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, рушди соҳаҳои нав ва таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, зернизоми инноватсионии минтақавӣ рақобатпазирии минтақаро баланд мебардорад.

Ташаккули ЗИМ натиҷаи фаъолияти дуру дароз буда, ба кор карда баромадан ва амалӣ гардондани стратегияи аз ҷиҳати илмӣ сабаби ноил шудан ба мақсадҳо ҳисобида шудааст. Дарвоқеъ, ташаккули ЗИМ аз ташаккули стратегияи низоми миллии инноватсионӣ оғоз мeёбад. Азбаски низоми миллии инноватсионӣ дар сатҳи баландтар мавҷуд аст ва маҷмӯи зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ мебошад, ин ба таври минтақавӣ дар ин мавриди тадқиқот ҳисоб карда мешавад, инчунин маълумоти иқтисодӣ дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешавад.

Зернизоми инноватсионии минтақавӣ ҷузъҳои низоми инноватсионии миллӣ мебошанд. Яъне, низоми инноватсионии миллӣ маҷмӯи ташкилоту муассисаҳо ва сохторҳо мебошад, ки барои дастгирии инноватсия ва рушди он дар тамоми минтақа барои ташаккул кардани зернизоми инноватсионии минтақавӣ ба монанди муассисаҳо, ташкилотҳо, ки ба фаъолияти инноватсионӣ ва рушди он оварда шудаанд, дар расми 1 дар мисол оварда шудааст.

Зернизоми инноватсионии минтақавӣ «маҷмӯи сохторҳои институтсионалии ба ҳам алоқаманде мебошад, ки коркард, истеҳсол, татбиқ ва тиҷорикунонии дониш ва технологияҳои навро бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии фазои муайяни иқтисодии минтақа амалӣ менамоянд» [4, с.12–14].

Аз ин рӯ бармеояд, ки моҳияти зернизоми инноватсионии минтақавӣ дар робитаи фаъоли байни унсурҳои алоҳида, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои инноватсия муттаҳид мешаванд, мавҷуд аст. Корхонаҳои махсусгардонидашудаи истеҳсолоти маҳсулот бо технологияҳои нав, сармоягузорон, мақомоти давлатӣ, муассисаҳои олии касбӣ, илмӣ тадқиқотӣ, иштирокчиёни раванди ииноватсионӣ ва дигар унсурҳои монандро ташкил медиҳад.

Ташаккули зернизоми инноватсионӣ - ин маҷмӯи ҳамаи равандҳои инноватсия (навоварӣ) мебошад, ки дар сатҳи низомҳои истифодабурдашуда ва берун аз ҳудуд ба миён меояд. Ҳаргоми раванди татбиқи фаъолияти инноватсионӣ на захираҳои истифодашуда ва имконяти афзоиши потенсиали инноватсионӣ дар оянда нақши муҳим ҳисоби карда мешавад [5, с. 98–107].

Барои таъмини рушди устувор ва такмил додани минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, низоми инноватсионии миллӣ ва низоми инноватсионии минтақа кӯшиш мекунад, ки таваҷҷӯҳи худро ба истеҳсол ва тақсими мол равона кунанд. Ин чораҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла механизмҳои ташаккули низоми инноватсионии минтақавӣ таҳия карда мешаванд.

Барои таҳияи мафҳуми ЗИМ муқаррароти зерин дода мешавад:

- нақши муайянкунандаи фаъолияти тадқиқотӣ дар раванди таҳияи маҳсулоти инноватсионӣ;
- мақсади ҷорӣ намудани инноватсия – ба ҳадди аксар расонидани самараи фаъолияти низоми иҷтимоию иқтисодӣ;
- натиҷаи таҳия ва татбиқи инноватсияҳо расидан ба мақсад, ки ҳангоми ба даст овардани ягон дониш он ба фаъолияти амалӣ мубаддал гардидааст;
- ҷорӣ намудани инноватсия ба гузариши низоми ба сатҳи сифатан нав мусоидат мекунад;
- таҳияи технологияҳо ва равандҳои нав, ки метавонанд ба муҳити зист таъсир расонанд ва инчунин рушди устувори иқтисодиро таъмин кунанд.

Имкони якҷоя кардани ҳамаи муқаррароти дар боло зикршуда дар дохили минтақа ба таъсиси ЗИМ мусоидат мекунад.

Ташкилоти инкишофи инноватсионӣ гузариш ба сатҳи пасттарӣ, ки бо таҳия ва татбиқи маҳсулоти инноватсионии он вобаста ба ҷараёни фаъолият алоқаманд буд, ба таври кофӣ таҳия нашудааст. Ташаккули зернизоми инноватсионии минтақа ба татбиқи чорабиниҳои инноватсионӣ, беҳбуди дастгирии ҳаёти мардум, баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа бо хусусиятҳои он асос ёфтааст. Равишҳо барои муайян кардани сохтор ва зернизоми инноватсионии минтақавӣ ва низоми инноватсионӣ фарқ мекунанд.

Муҳаққиқон П. Кук ва М. Гомес ба пайдоиши консепсияи ҳисоботҳои инноватсионӣ, ҷанбаҳои асосии назарияҳо, технологияҳо, шабакаҳои инноватсионӣ ва барномаҳои инноватсионӣ асос ёфтаанд. Пайдоиши муносибатҳои байни корхонаҳо ва саҳми онҳо дар ташаккули кластерҳо то андозае дар минтақаҳо тамаркуз кардаанд, ки он чӣ андоза равандҳои инноватсиониро дар сатҳи минтақавӣ ҳамчун низом муайян кардан мумкин аст. Ду соҳаи илмӣ - дарозмуддат, ки тадқиқоти илмӣ ва конструкторӣ ва дуввум давраи ҳаёти маҳсулотро дар бар мегирад, бояд якҷоя карда шавад [3,с.14].

Дар адабиёти муосир оиди сохторҳои корпоративӣ бисёр маълумот омадааст, ки ба мундариҷаи маводи пешниҳодшуда оид ба шарҳи инноватсия ва зернизоми инноватсионӣ асос

ёфтаанд. Аз ҷумла, минтақаҳои озоди техникӣ, паркҳои технологӣ, минтақаҳои саноатӣ, минтақаҳои илмию истеҳсолӣ, минтақаҳои истеҳсолии саноатӣ ва ғайра мебошанд.

Дар тадқиқоти мазкур кӯшиш карда шудааст, ки баъзе аз шаклҳои дар боло зикршуда дар зернизоми инноватсионии минтақавӣ муттаҳид карда, иқтидори муайян барои ташаккул ва фаъолияти бомуваффақияти он оварда шавад.




***Расми 1. Фарқ байни НИМ ва ЗИМ***

Тавре ки дар расми 1 нишон дода шудааст, НИМ дар ин тадқиқот ҳамчун Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЗИМ минтақаҳои он ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти он, ки низоми инноватсионии миллӣ заминаи баланд бардоштани рушди устувори кишвар дар иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Танҳо рушд ва пешбурди инноватсия дар сатҳи ҷумҳурӣ метавонад сатҳи баланди рушди иқтисодӣ ва беҳбудии зиндагии аҳолиро таъмин намояд. Инчунин, зернизоми инноватсионии минтақавӣ дар фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди инноватсия дар минтақаҳои алоҳида аҳамияти калидӣ дорад. Ҳар як минтақа хусусиятҳо ва захираҳои беназири худро дорад, ки метавонанд барои ҳавасмандгардонии инноватсия истифода шаванд. Зернизоми инноватсионии минтақавӣ, ки дар доираи низоми инноватсионии миллӣ мақсаднок таҳия карда шудааст, барои ҷалби сармоягузорӣ, рушди тадқиқоти илмӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳои мушаххас мусоидат мекунад. Аз он сабаб, ки низоми инноватсионии миллӣ ва зернизоми инноватсионии минтақавӣ ба тадқиқоти сершумор асос ёфтаанд, ки таъсири мусбати онҳоро ба рушди иқтисодӣ, кишвар ва минтақаҳои он далелнокӣ мекунанд. Навоварӣ қувваи пешбарандаи пешрафти иқтисодӣ буда, танҳо тавассути ҷорӣ намудани технологияҳо, равандҳо ва маҳсулоти нав метавонад кишвар ва минтақаҳои дар миқёси ҷаҳонӣ бударо дар сафи пеш боқӣ монанд. Тавре ки дар боло зикр гардидааст, зернизоми инноватсионии минтақавӣ шабакаи мураккаби унсурҳои мутақобила мебошад, ки дар байни онҳо муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, корхонаю ташкилотҳои инноватсионӣ, мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин паркҳои технологӣ ва инкубаторҳо муҳимтаранд. Муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ дар ташаккули иқтидори инноватсионии минтақа нақши муҳим доранд. Заминаи мустаҳками илмӣ ва инчунин сатҳи баланди таълим барои мутахассисони баландихтисос, барои гирифтани дастовардҳои илмӣ - техникӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ онро мубаддал гардонидан, фароҳам оварда мешавад. Илова бар ин, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ иштирокчиёни фаъоли ҷомеаи илмӣ буда, тадқиқотро метавонанд ҳамчун як ҷузъи раванди инноватсионии минтақавӣ тиҷоратӣ шаванд.

Ҷузъи навбатии таркибии зернизоми инноватсионии минтақавӣ корхонаҳо ва ташкилотҳои инноватсионӣ мебошад. Онҳо дар тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ, интиқоли технология ва тарҷумаи ғояҳо ба маҳсулот ва хизматҳои воқеии инноватсионӣ нақши муҳим мебозанд. Корхонаҳои инноватсионӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармоя ва рушди иқтисоди

минтақа мусоидат мекунанд. Илова бар ин, онҳо воридшавии сармояро барои тадқиқот ва коркарди минбаъда, ҳавасмандгардонии пешрафти илмию техникӣ дар минтақа таъмин мекунанд.

Мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ танзимгарони асосии равандҳои инноватсионӣ дар минтақа мебошанд. Онҳо стратегияҳо ва барномаҳоеро таҳия ва татбиқ мекунанд, ки ба фароҳам овардани сатҳи мусоиди инноватсионӣ, ҷалби сармоягузорӣ, дастгирии корхонаҳои инноватсионӣ ва таъмини ҳамкорӣ байни иштирокчиёни гуногуни муҳити инноватсионӣ нигаронида шудаанд. Мақомотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ инчунин дар ташаккули андоз ва қонунгузорӣ, ки ба навоварӣ дар минтақа мусоидат мекунанд, нақши муҳим доранд.

Инкубаторҳои илмӣ, паркҳои техникӣ ва технологӣ омили инфрасохтори низом ва зернизоми инноватсионӣ ҳисобида мешавад, ки он дар дараҷаи ташкилнамоӣ дар таҳияи лоиҳаи инноватсионӣ вобастагӣ дорад. Онҳо ба корхонаҳои инноватсионӣ дастрасӣ ба захираҳои махсус, аз лабораторияҳо, таҷҳизоти пешрафта, хизматрасонии машваратӣ ва пайвастҳои шабакавӣ медиҳанд. Паркҳои технологӣ ва инкубаторҳо инчунин ба пеш бурдани дониш ва таҷриба байни навовариҳои мухталиф дар минтақа мусоидат мекунанд.

Ҷузъҳо (элемент), ки дар боло оварда шудааст, бо якдигар зич вобаста ва алоқаманд ҳисобида мешавад. Ташаккул, рушд ва дастгирии ин чузъҳо барои ташаккули зернизоми инноватсионии минтақавӣ шароит фароҳам оварда, инчунин барои пайдо кардани маҳсулоти нав бо технологияи нав, баландбардории рақобатпазирӣ, рушд кардани иқтисодиёт ҳамбастагӣ менамояд. Рушди инноватсия ҳамон вакт бо самара ҳисобида мешавад, ки агар динамикаи тағйирёбии омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба он омилҳо рост ояд [6, с.20].

Ҳамин тариқ, ҷузъҳои зернизоми инноватсионии минтақавӣ, аз ҷумла муассисаҳои илмию таълимӣ, корхонаю ташкилотҳои инноватсионӣ, мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, паркҳои технологӣ ва инкубаторҳо бо назардошти накш ва саҳми онҳо дар рушди инноватсия дар вилоятро дар бар мегирад. Ин ҷузъҳо инноватсияҳоро таъмин намуда, ба рушди иқтисодӣ ва рушди устувори минтақа мусоидат мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки дар сатҳи ҳар як минтақаи алоҳида бунёди зернизоми инноватсионӣ имкон медиҳад, ки он бо рафъи баробарӣ ва сатҳи тафриқаи субъектҳои ҳудудӣ мутавозин ва устувори он рушд карда шавад. Равишҳои баррасишуда ба таркиби элементарии ЗИМ ҳамчун асоси назариявӣ барои истифодаи методологияи муаллифӣ барои арзёбии рушди зернизоми инноватсионии минтақавӣ амал мекунанд [2, с.157]. Мундариҷаи раванди ташаккули зернизоми инноватсионии минтақавӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Таҳлили иқтидор ва захираҳои минтақа. Дар ин марҳила омӯзиши захираҳои мавҷудаи инноватсионӣ, иқтидори илмию технологӣ, инчунин талабот ба инноватсия дар минтақа гузаронида мешавад.

2. Ташаккули стратегияи инноватсионии минтақа. Муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои рушди инноватсия, инчунин таҳияи нақшаи амалии стратегӣ шарти муҳим аст.

3. Коркарди инфрасохтор ва заминаи захиравӣ. Зернизоми инноватсионии минтақавӣ мавҷудияти иншоот ва муассисаҳои махсусгардонидашуда, аз қабили марказҳои тадқиқотӣ, паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва кластерҳои инноватсиониро талаб мекунад.

4. Дастгирии соҳибкории инноватсионӣ ва стартапҳо. Таҳия ва татбиқи барномаҳо ва чораҳои дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ, аз ҷумла пешниҳоди маблағгузорӣ, чорабиниҳои омӯзишӣ ва машваратҳо.

5. Ҳамкорӣ ва шарикӣ. Ташкил намудани механизи самаранок барои ҳамкорӣ намудан бо омилҳои гуногуни зернизоми инноватсионӣ, ба монанди муассисаҳои олии касбӣ, таълимӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

6. Арзёбӣ ва назорати натиҷаҳо. Мониторинги мунтазам ва арзёбии самаранокии зернизоми инноватсионӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастомада, дар ҳолати зарурӣ ислоҳ кардани стратегияи рушд [1, с. 96].

Андешаҳои дар боло зикршуда, имкон медиҳанд, ки зернизоми инноватсионии минтақавӣ шабакаи мураккаби сохторҳои бо ҳам алоқаманд, ки барои ноил шудан ба мақсадҳо муттаҳид шудааст, қайд карда шавад. Моҳияти он дар робитаи фаъоли муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, корхонаҳо, мақомоти давлатӣ, сармоягузорон ва дигар иштирокчиёни раванди инноватсионӣ мебошад. Ҳангоми ташаккули зернизоми инноватсионии минтақавӣ, беҳбудии иқтисодиёт, рушди устувори минтақа бидуни омилҳои истеҳсолот, паҳн ва пайдоиши донишҳои нав ба амал меояд. Зернизоми инноватсионии минтақавӣ дар фароҳам овардани шароити

мусоид барои рушди инноватсия дар минтақаҳои алоҳида нақши калидӣ мебозад. Муассисаҳои илмию таълимӣ иқтидори инноватсионии минтақаро ташаккул медиҳанд, таълиму тарбияи мутахассисонро таъмин мекунанд. Корхонаҳо ва ташкилотҳои инноватсионӣ коркардҳои илмиро тиҷоратӣ карда, онҳоро ба маҳсулот ва хизматҳои воқеӣ табдил медиҳанд. Мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ тавассути таҳия ва татбиқи стратегияҳо, барномаҳо ва сиёсатҳое, ки ба дастгирии инноватсия нигаронида шудаанд, нақши танзимкунандаро мебозанд. Навоварӣ қувваи пешбарандаи пешрафти иқтисодӣ мебошад. Танҳо тавассути ҷорӣ намудани технология ва маҳсулоти нав метавонад кишварҳо ва минтақаҳои онҳоро дар сафи пеши иқтисоди ҷаҳонӣ нигоҳ доранд. Ташаккули низомҳои миллии инноватсионӣ ва зернизоми инноватсионии минтақавӣ, ки ба тадқиқот асос ёфтааст, дар амалия тасдиқ шудааст, ба пешрафту рушди иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он таъсири мусбат мерасонад. Натичаи таъсиси ЗИМ дар суръати рушди иқтисодиёт аз ҳисоби якчанд омилҳо вобастагӣ дорад:

- раванди истеҳсолоти маҳсулот самаранок гардида, баланд мешавад;
- беҳтар гардидани сифати маҳсулотҳои истеҳсолӣ;
- зиёд ва аз нав гардидани тахассуси захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ;
- зиёд шудани даромади истеҳсолоти корхона ва ҳаҷми истеъмолоти он;
- болоравӣ ва самаранок гардидани дараҷаи идораи давлатӣ.

Ҳамин тариқ, ташаккули зернизоми инноватсионии минтақавӣ ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи рушди устувори минтақа буда, барои ҷалби сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тадқиқоти илмӣ ва рушди устувори минтақа имконият фароҳам меорад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Давидссон, П.Исследуя предпринимательство.ер. с англ. под науч. ред. А. Ю. Чепуренко, О. И. Образцовой. /П. Давидссон .-М. : Изд. дом Высшей школы экономики, 2014. – 400 с.
2. Глазьев, С.Ю.О стратегии и концепции социально-экономического развития России до 2020 года /С. Ю. Глазьев // Экономика региона. – 2008. – № 3 (15). – С. 14–27.
3. Фияксель, Э.А. Проектный офис – механизм совершенствования инновационной инфраструктуры региона /Э.А.Фияксель // Экономический анализ: теория и практика. – 2009. – № 27. – С. 17-20.
4. Балабанов, В.С. Формирование устойчивости предпринимательских структур в условиях трансформации конкурентной среды: монография / В.С. Балабанов – М. : Элит, 2013. – 280 с.
5. Изергина , Н.И.Системная модернизация и инновационная политика в регионе /Н.И. Изергина // Регионология. – 2015. – № 2 (91). – С. 98–107.
6. Асалиев, А.М.Человеческий капитал в контексте стратегии социально-экономического развития /А. М. Асалиев // Вестник Российского экономического университета имени Г. В. Плеханова. – 2017. – № 6 (96). – С. 96–105.


## REFERENCES:


1. Exploring entrepreneurship // P. Davidsson // trans. from English under scientific ed. A. Yu. Chepurenko, O. I. Obraztsova. – M.: Publishing house. House of the Higher School of Economics, 2014. – 400 p.
2. On the strategy and concept of socio-economic development of Russia until 2020 // S. Yu. Glazyev // Economics of the region. – 2008. – No. 3 (15). – P. 14–27.
3. Project office - a mechanism for improving the innovation infrastructure of the region // E.A. Fiyaksel // Economic analysis: theory and practice. – 2009. – No. 27. – P. 17-20.
4. Formation of sustainability of entrepreneurial structures in the conditions of transformation of the competitive environment: monograph // V.S. Balabanov // – M.: Elit, 2013. – 280 p.
5. System modernization and innovation policy in the region // N.I. Izergina // Regionalology. – 2015. – No. 2 (91). – p. 98–107.
6. Human capital in the context of the strategy of socio-economic development // A. M. Asaliev // Bulletin of the Russian Economic University named after G. V. Plekhanov. – 2017. – No. 6 (96). – p. 96–105.